ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 004 376 – 37.0+930 (2 – тоҷ)**
**ТКБ – 74. 2.**
**У-28**



**УСМОНЗОДА ЗАРИФ ҶУМЪАБОЙ**

# ҲАМКОРИИ КОЛЛЕҶ ВА МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГ – ШАРТИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ДОНИШҶӮЁН

**Ҳимояи такрорӣ**

**Автореферати**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ**
**(педагогикаи иҷтимоӣ)**

**Душанбе – 2026**

Кори диссертасионӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ** | **Латифзода Диловар Назришоҳ-** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов |
| **Муқарризони расмӣ** | **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| | **Қодирзода Сабоҳат Абдуманон** - номзади илмҳои педагогӣ, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети Психология ва таҳсилоти томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". |
| **Муассисаи пешбар** | **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** |

Ҳимояи такрории диссертатсия санаи «19» сентябри соли 2026, соати 15:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-031-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 2276246; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии ПажӯҳишгоҳирушдимаорифбаномиАбдураҳмониҶомииАкадемияитаҳсилотиТоҷикистон (http://www.shurodis,prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «18» август соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п.,дотсент** **Котибова Ш. П.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас аз ҷумлаи масъалаҳост, ки аз он ҳалли мушкилоти ташаккули инсони комил вобастагии зич дорад. Бинобар ин, зарурияти муҳими такмили системаи тарбияи эстетикӣ, ба талаботи имрӯза мутобиқ намудани мазмун, шакл, методҳо ва воситаҳои таъсиррасонии он ба вуҷуд омадааст.

Одами аз ҷиҳати эстетикӣ зебо, ба дарки санъат сарфаҳм мерафтагӣ ба фаъолияти зебоипарасӣ ҷалб шуда, махсусан, барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти фаъолияташон техникӣ хеле зарур ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ барои педагогикаи иҷтимоӣ ва ҷузъи таркибии он фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад. Зеро мисли дигар донишҷӯёни макотиби олӣ ва миёнаи махсус онҳо низ бояд аз арзишҳои миллӣ ва умумибашарии зебоипарастӣ бархӯрдор буда, тарбияи завқи бадеӣ ва муносибати фарҳангофарона ва зебоиофарона низ дошта, асарҳои бадеиро арзёбӣ карда тавонанд ва ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ ҷалб шуда, аз онҳо бархурдор бошанд.

Бино бар ин, масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ, махсусан, барои донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ хеле муҳим ва зарур аст. Зеро дар шароити боло рафтани нақш ва нуфузи илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ набояд ин қишри ҷомеа аз арзишҳои эстетикӣ бебаҳра монда, ба фаъолияти эстетикӣ ва намудҳои гуногуни санъат ҷалб нашавад.

Раванди ҷаҳонишавӣ, ки хусусиятҳои миллӣ, анъанаҳои ин ё он этносро дар тарбияи эстетикӣ ба ҳисоб намегирад, пояҳои устувори тарбиявӣ ва фарҳангофариро коста мегардонад. Ҳоло он ки анъанаҳои бадеӣ унсури таркибии маҷмуии ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами кори тарбиявӣ ба шумор мераванд. Инчунин, дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, таъмин карда натавонистани ҳамоҳангсозии неруҳои ниҳодҳои мухталифи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар кори тарғиби арзишҳои бадеӣ ва ҷалбнамоии насли наврас ба эҷодиёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар омилҳо низ садди роҳи мукаммалгардонии корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ гардидааст.

Вобаста ба ин, проблемаи мазкур мубрам, зарур ва яке аз вазифаҳои рӯзмарраи тарбиявӣ-эстетикӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.Албатта, дар ин кор ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ, марказҳои фарҳангию фароғатӣ ва оила, ки дорои анъанаҳои миллӣ-фарҳангии хеш мебошанд, нақши муайян мебозанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои арзанда ва самараноки корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ аз қобилияти дарёфти мавқеи нотакрори ҳар яке аз ин ниҳодҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ дар низоми ягонаи ташаккули комили инкишофи шахсият вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ин вазифаи босо масъулиятнок ба зиммаи муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун, муассисаҳои фарҳанг ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа вогузор карда шудааст. Аммо дар таҷрибаи дар кори тарбияи эстетикӣ аз ҳам дурбудани фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои таълимӣ, (дар таҳқиқоти мо коллеҷҳо) бо муассисаҳои фарҳанг ба назар мерасад, ки дар ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён костагиро ба амал меорад. Махсусан, ҳамкорӣ, аз нигоҳи мо, байни

муассисаҳои таҳсилотӣ бо муассисаҳои фарҳанг дар сатҳи зарурӣ ба амал бароварда намешавад. Бинобар ин, яке аз мушкилоти имрӯза дар системаи тарбияи эстетикӣ роҳҳои таъмин кардани ҳамоҳангсозии марказҳои фарҳангию фароғатӣ бо муассисаҳои таълимӣ (коллеҷҳо) ба шумор меравад.

Маълум аст, ки халқи тоҷик дорои анъанаҳои қадимаи бадеӣ ва тарбияи эстетикӣ мебошад, ки аз насл ба насл интиқол дода шудаанду истифодаи онҳо дар ташаккули зебоипарастии ҷавонон ҷойгоҳ ва аҳаммияти калон доранд. Чунки мардуме, ки таърихи ғанӣ ва бойи чандинҳазорсола дораду мутаффакиронаш аз ҷиҳати афкори эстетикӣ дар тамоми ҷаҳон маълуму машҳуранд, бояд нагузорад, ки насли оянддаи он аз ҷиҳати бадеӣ камсавод монад, аз донишҳои эстетикӣ ва арзишҳои фарҳанги бадеӣ бархурдор набошад. Ва, умуман, ба арзишҳои маънавию эстетикии ватанию ҷаҳонӣ, комёбиҳои илм ва техникаи муосир, технологияҳои имрӯза ҷалб нашуда бошад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза проблемаи тарбияи эстетикӣ, ки вазифаи инкишофи фарҳанги эстетикиро ҳалл менамояд, ба яке аз проблемаҳои глобалӣ табдил ёфтааст.

Аз ҷумла, зимни суханронӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 2015), Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои таҳсилот, тарбия ва фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи хосса намуда, вазифаҳои тарбияи эстетикии насли наврасро дар ҷомеа чунин муайян намуданд: «Мақомоти дахлдор бояд ба тарбияи зебоипарастии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд» [75,32]. Вобаста ба ин, ҳамчунин, «Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио бо мақсади таблиғи ғояҳои миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ» [75,33]. вазифадор ҳам карда шудаанд. Ҳамзамон, дар Паёми соли 2025 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои «омӯзиши таърих, фарҳанг, анъанаҳои халқи хеш»[76,33] диққати ҷиддӣ додан, таъкид шудааст. Яъне, зикр намудан бамаврид аст, ки яке аз вазифаҳои имрӯзаи фарҳангикунонии ҷомеа, ғанӣ гардонидани ҳаёти маънавӣ мебошад, ки дар ин ҷода ниҳодҳои тарбиявию муассисаҳои фарҳанг нақши муасир ва ҳатто ҳалкунанда мебозанд.

Ғайр аз ин ҳам, дар ҳуҷҷатҳои барномавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатии рушди маориф ва фарҳанг, бахусус, консепсия ва барномаи давлатии муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2008-2015, 2016-2021, 2021-2025, Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, ҳунар ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018-2022 ва, махсусан, барномаи мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳанг, ниҳоят, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва боз дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар қатори «вазифаҳои муҳимми рӯз бобати амалӣ намудани тадбирҳои сиёсати давлатии миллии фарҳанг ва «оид ба рушди маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ чораандеши карда» [11], мутобиқи шароити имрӯза, масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ, ташкили сохтори муосири ҳамгирокунанда, оқилона истифода бурдани вақти холии

муҳассилин, ҷалби онҳо ба намудҳои гуногуни фарҳанги миллӣ, мероси ғании фарҳангӣ, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ва ба фаъолияти Марказҳои фарҳангию фароғатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст»[14]. Вобаста ба ин, вазифаҳои тарбияи эстетикӣ ва нақшимуассисаҳоитаҳсилотӣ вафарҳангродаринкор ба эътибор нагирифтан номумкин аст.

Умуман, омӯзиш ва ҷамъбасти фарҳангию таҷрибаи корҳои тарбияи эстетикӣ нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила ва муштараки ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии ҷавонон, ҳамоҳангсозии бамавриди онҳо, тақсимоти асоснок ва дурусти вазифаҳо, таҳияи нақшаи ягона барои шаҳр ва ё ноҳия боис мегардад, ки бисёр масъалаҳо ва мушкилоти корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар ин ё он минтақа дар заминаи дурусти илмиву методӣ ташкил шуда, роҳи ҳалли худро ёбанд. Аммо дар асл, таҷрибаиамалии ҳамоҳангсозии кори муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои фароғатӣ дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ карда нашудааст. Барои ҳамин ҳам ҳадафҳои аниқ, равшан ва мушаххас надоштани муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар низоми тарбиявӣ, хусусият, ҷойгоҳ ва нақш онҳо дар ташаккули арзишҳои зебоипарастӣ, коста будани ҳамоҳангсозӣ дар фаъолияти эстетикӣ ва дигар мушкилот сабаби интихоби мавзуи мазкур гардидааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мо маълум намуд, ки шароитҳои педагогӣ ва имкониятҳои воқеии иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, бахусус, ҷавонон, заминаи моддӣ-техникии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар шароити имрӯза ба таври бояду шояд истифода бурда намешавад. Ҳаминро низ бояд зикр кард, ки вазъи корҳои беруназаудиторӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон низ талаботи маънавию эстетикии тарбиятгирандагонро ба таври бояду шояд қонеъ намегардонанд, ки ин амат боиси ҷалби теъдоди камшумори онҳо гаштааст. Ин ҳама, воқеан ҳам, дар оянда заминаи мусоидро барои эҳёи заминаҳои эстетикии ҳаёти маънавӣ, боло бардоштани завқи эстетикии онҳо таъмин карда наметавонад.

Инчунин, мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот маълум намудаанд, ки баъзе донишҷӯён дар бобати фароғати хеш ба муассисаҳои фарҳанг кам мераванд, дар намоишномаҳо ва спектаклҳо гоҳ-гоҳ ширкат меварзанду доир ба баланд бардоштани маърифати эстетикии худ кам таваҷҷуҳ менамоянд, кибоисикостагиизавқиэстетикиашон мегардад. Қисме аз онҳо, ба иттиҳодияҳои ифротгароии самти фаъолияташон ғайри иҷтимоиву тарбиявӣ ворид шуда, даст ба ҷиноят мезананд, байни худ моҷаро ва ҷангу мушткӯбӣ мекунанд. Гузашта аз ин, ташвишовар он аст, ки дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ фанни эстетикаро чун предмети нақшавӣ ва ё факултатевӣ ворид нанамудаанд, ё дар ҳаҷми зарурӣ омӯхта намешаваду онро омӯзгорони ғайри ихтисос дарс медиҳанд. Аз ин рӯ, ин амал ва мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот дар коллеҷҳои самти фаъолияташон техникӣ моро ба хулосае оварад, ки дар ин муассисиҳои таълимӣ сатҳу сифати дониш, азхудкунии таносуби фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ (махсусан, силсилаи фанҳои эстетикӣ) чандон баланд нест.

Аз ин лиҳоз, зарур ба таъкид аст, ки ҳалли ин ҳама вазифаҳо ҷиҳати боло бардоштани шуури эстетикӣ, истифодаи анъанаҳои бадеии халқ, ҷалби онҳо ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ, таъмини неру ва рушди қобилиятҳои эҷодии ҷавонон ва аҳолӣ мусоидат менамоянд ва зарурияти таҳқиқоти масъалаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамгироии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг ҳамчунобъекти иҷтимоӣ-педагогӣ ба миён омодааст, ки хеле мубрам ва муҳим мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ, умуман, тарбияи эстетикии муҳассилин дар низоми таҳсилот ва фарҳанг проблемаи маҷмӯӣ буда, мавриди таҳқиқи илмҳои гуногун: қарор дода шудааст. Дар рисолаи мазкур ин нукта аз мавқеи илмҳои педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Инчунин, дар раванди омӯзиши ин масъалаи комёбиҳоии илмҳои гуногун, ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ, аз қабили фалсафа, сотсиология, фарҳангшиносӣ, эстетика, инсоншиносӣ ва дигар илмҳо истифода бурда шудаанд.

Доир ба таҳқиқи ин мавзуъ олимони зиёди ватанию хориҷӣ таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додаанд. Қобили зикр аст, ки оид ба ин масъала Апраскина О.А. [17], Апресян, Г.З. [17], Верб, М.А. [26], Каган.М.С. [37; 38], Лармин, О.В. [47], Лихачев Б.Т. [51;52], Разумный В.А. [69;70], Ястребова, Н.А. [111] ва дигарон дар таҳқиқоташон изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, Институти фалсафаи Академияи илмҳои Россия «яке аз таҳқиқоти хешро махсус ба масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ бахшидааст» [106]. Масалан, Лихачев Б.Т. «одам ва табиатро ҳамчун ду намуди гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ намудааст, ки алоҳида вуҷуд дошта наметавонанд ва якҷоя вобастагии мавҷудияти якдигарро шарт мегузоранд» [52,175].

Махсусан, бояд тазаккур дод, ки пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба масъалаҳои «зарурияти ҳамгироии мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбияи насли наврас» [11] таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Бештари мутахассисон нуқтаҳои назари хешро ҷиҳати ҳамкорӣ иброз намуда, зарурияти ҳамгироии кори иҷтимоии касбии муассисаҳои таълимиро бо оила, бахусус, дар шароите, ки оила, ҳамчун субъекти фаъоли ин ҷараён, дар муҳити иҷтимоӣ амал мекунад, бобати кӯшиши тавсиф ва ба низом даровардани онро масъалагузорӣ карда бошанд ҳам, вале пурра таҳқиқ накардаанд.

Дар таҳқиқотҳо зиёда парокандагии масъалагузорӣ, набудани нуқтаи назари маҷмуӣ ва механизмҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг дар тарбияи эстетикӣ ҳис карда мешавад. Ҳарчанд дар гӯшаю канори дунё, аз ҷумла, Федератсияи Россия, ИМА ва дигар давлатҳо дар ин ҷода кори фаъоли таҷрибавӣ-озмоишӣ роҳандозӣ шуда истода бошад ҳам, аммо дар ҷумҳурии мо то ҳол дар ин ҷода имкониятҳо маҳдуд буда, маводи назариявӣ ва таҷрибавӣ кам ҷамъ шудааст. Аз ин рӯ, дар кадом пойдевор ва бо кадом роҳ ба даст овардани самаранокии имконияти баҳамрасии худинкишофёбии шахсият ва иқтидори муҳити иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ҳамчун масъалаи заруру ҳалталаб боқӣ мемонад. Барои ҳамин ҳам, мавзуи мазкур, ҳамчун таҳқиқоти бунёдӣ, коркарди илмию амалиро талаб мекунад, то ки шароитҳои муфидро барои инкишофи

шахсият, ҳамчунин, барои муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии ниҳодҳои гуногуни ҷомеа дар тарбияи эстетикӣ ба вуҷуд оварда тавонад.

Бояд таъкид сохт, ки дар Тоҷикистон дар самти ҳаллу фасли масоили назариявӣ ва методологии ин мавзуъ олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ Муҳаммад Лутфуллозода [54;55], Хуррам Раҳимзода [73], Баён Раҳимов ва Абдулбоқӣ Нуров [72], Файзулло Шарифзода [101] ва дигарон дар таҳқиқотҳояшон андешаҳои хешро доир ба мақсад, вазифаҳо, мазмун, шакл ва методҳои ин унсури муҳимми кори тарбиявӣ баён сохта, «тамоили эҳёи арзишҳои ахлоқию зебоипарастӣ ва ҳамкории ниҳодҳои гуногуни ҷомеаро зарур шуморидаанд»[54, 651].

Масъалаи мазкур, инчунин, дар як қатор монографияҳо, рисолаҳои докторию номзадиву мақолаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бевосита ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ рисолаҳои номзадии Р.Абдуллоева, [112], А.Саидов, [84] мақолаҳои илмии Д.Латифзода [48], рисолаи доктори илми фалсафа, профессор С.Раҳимов [71] ва дигарон бахшида шудаанд. Дар мақолаи илмии С. Раҳимов таъкид шудааст, ки «дар замони марҳилаҳои аввали Истиқлолият зарурат ба таҳқиқи бадеияту эстетикаи замонӣ, мафкураи ва арзиши нав хеле рӯзмарравадоғ гардид. Асари тозаэҷодшудаи миллат бояд дар меъёри арзишҳои ҷаҳонӣ рақобатпазир бошад»[71, 28-31].

Ҷанбаҳои педагогии тарбияи эстетикиро бо хонандагони синфҳои болоӣ Р.Х.Абдуллоева дар рисолаи номзадиаш таҳқиқ намудааст. Ӯ «роҳҳои такмили ташаккули шуури бадеӣ-эстетикӣ дар системаи муайяни педагогӣ ва самаранокии методикаи онро арзёбӣ менамояд» [112,14].

Ҳамчунон, қисман, масъалаҳои тарбияи эстетикии донишҷӯён аз ҷониби олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номии А.А.Ҷомии назди Академияи таҳсилотиТоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоооти вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраҳои фарҳангшиносӣ ва педагогикаи макотиби олии кишвар таҳқиқ шудаанд.

Доир ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ ва мубрамияти масоили он таҳқиқотҳои комплексии Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ ва таҳсилоти бадеии Академияи таҳсилоти Россия, Институти илмӣ-таҳқиқотии санъатшиносии Вазорати фарҳанги собиқ Иттиҳоди шуравӣ, Академияи илмҳои Россия (лабораторияи тарбия) ва дигар коллективҳои илмиро бо роҳбарии А.Н. Леонтев [49], Б.Т. Лихачев [52], Б.М.Неменский [59], Фохт-Бабушкин, Ю.У. [100], Ясенева, Л. Г. [149] низ, зикр кардан ба маврид аст. Ва бояд таъкид намуд, ки дар охири солҳои 70-90-уми асри XX дар доир ба ин масъала як қатор олимон аз қабили Абдуллоев, М.А. [14], Аверьянова, Г.И. [114], Алдреюшин, А.Н. [115], Киргизов, И. [132], Ольхова, О.К. [144], Плотникова, Е.В. [146] Трубина, И.И. [147] низ таҳқиқот бурдаанд. Дар осори илмии онҳо асосҳоиназаиявиюметодологӣ, роҳҳо ва методҳои оптималии такмили тарбияи эстетикиву ахлоқии мактаббачагон дар корҳои беруазмактабӣ бо дарназардошти хусусиятҳои мактаби миллӣ ошкор гардида, масъалаҳои тарбияи мусиқӣ-педагогии мактаббачагон, барқароршавӣ ва инкишофи таҳсилоти мусиқӣ, «имконияти ҳамгиройи фанҳои таълимӣ»[101, 240-

241],«таъсиси маҳфилҳои сарояндагӣ, оркестрҳои созҳои миллӣ, тарбияи эстетикӣ тавассути санъати мусиқиихалқӣ дар Ӯзбекистон« ва дигар паҳлуҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ баррасӣ шудаанд» [147].

Дар омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзуъ дар Тоҷикистон саҳми олимон Р.Абдуллоева, Д. Латифзода, (Д.Латипов), А.Саидов ва дигарон аз он иборат аст, ки дар ҳалли баъзе масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ ба мо кумак расонидаанд.Масъалан, Д.Латифзода «фарҳанги этникӣ ва эҷодиёти бадеии халқро дар низоми педагогикаи этникӣ» [48,5] баррасӣ намудааст.

Инак, аз таҳлилу муқоисаи асару мақолаҳо ва рисолаҳои ба ташаккули фарҳанги эстетикии ба системаи таҳсилот ва фарҳанг бахшидашуда чунин бармеояд, ки дар ин замина корҳоизиёде анҷом ёфта бошад ҳам, вале проблемаи ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилин дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар раванди ҳамгироии мутақобилаи фаъолияти коллеҷҳои муосир ва муассисаҳои фарҳанг, шароитҳои самараноки педагогии фаъолияти тарбиявии муассисаҳои соҳаи маорифу фарҳанг ва волидайн ҳалли вазифаҳои таълимию тарбиявӣ тавассути ин ниҳодҳои тарбия то ҳол пурра мавриди таҳқиқи махсус ва қарор нагирифтаанд. Ғайр аз ин, дар амалия усулҳои пайдарпай ва муассири ҳамгирокунанда байни маъмурияти муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, аз он ҷумла, коллеҷҳо ва кормандони муассисаҳои фарҳанг дар шаҳрҳои хурд ва мавҷуд набудани механизмҳои ҳамоҳангии зарурӣ дар байни онҳо ба назар намерасад.

Хуллас, ин ҳама ва дигар номувофиқатии иҷтимоӣ байни талаботи ҷомеа доир ба масъалаҳои дар заминаи принсипи ҳамгиройӣ ба роҳ мондани тарбияи эстетикии донишҷӯён ва номувофиқатии назария ба амалия дар системаи корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар самти ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён боиси интихоби мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг - шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 дар мавзуи «Таҳсилоти касбӣ ва муносибати ба салоҳиятнокӣ асосёфта дар таълим ва омодагии касбии донишҷӯён» ва муқаррароти асосии «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тағйиру иловаҳо дар соли 2018, Барномаҳои давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва солҳои 2021-2025, «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ва боз дигар санадҳои амалкунандаи меъёрии соҳаи таълиму тарбия ва фарҳанг иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ва хусусиятҳои он дар шароити таъсиррасонии маҷмуӣ дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ ва беруназаудиторӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷу муассисаҳои фарҳанг таҳия ва мавриди тавибу озмоиш қарор дода шуда, самаранокии истифодаи он собит карда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** – муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогии мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг ва тавсеаи он.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ва хусусиятҳои он дар шароити таъсиррасонии маҷмуӣ дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ ва беруназаудиторӣ;
- баррасии вазъият ва тамоилҳои рушди ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳқиқи имкониятҳои воқеӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии коллеҷу муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён;
- коркардва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷу муассисаҳои фарҳанг;
- тариқи озмоиши педагогӣ тасдиқ кардани барномаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди фаъолияти якҷояи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг.

**Объекти таҳқиқотро** ташаккули фарҳанги зебоипарастиидонишҷӯён дар фаъолияти якҷояи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** раванди ҳамкории функсионалии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён.

**Фарзияи таҳқиқот:** мукаммалгардонииҳамкории мутақобилаи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён зимни ба эътибор гирифтани шартҳои зерини педагогӣ муяссар мегардад, агар:

- ҳамкории мутақобилаи зичи ин ниҳодҳо (коллеҷу муассисаҳои фарҳанг) таъмин, ҳамоҳангсозии онҳо зимни баҳисобгирии барномарезӣ ва муносибати интегративии неруи субъектҳои ҳамкорикунандаи ин унсури тарбиявӣ ба роҳ монда шавад;
- номутасилӣ (дискретност) дар фаъолияти тарбиявӣ - эстетикии донишҷӯён аз тарафи ин ниҳодҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар шаҳрҳои хурд аз миён бардошта шавад;

- ҳамгиройии зичи ниҳодҳои тарбиявӣ дар заминаи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён бо назардошти хусусияти фарҳанг ва асоснок намудани он бо истифода аз самаранокии анъанаҳои бадеии маҳал ба роҳ монда шуда, роҳҳои мукаммалгардонии он тариқи озмоиш санҷида шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Омӯхтани сарчашмаҳо ва таҳлили маводи лозима вобаста ба мавзуъ дар доираи диссертатсияи мо се марҳиларо дар бар мегирад:

**Дар давраи аввали таҳқиқот** (солҳои 2017-2019) адабиёти илмии гирдовардашуда доир ба фалсафа, эстетика, сотсиология, фарҳангшиносӣ, педагогиву психологӣ ва боз дигар мавод омӯхта, таҳлил гардида, таваҷҷуҳи асосиро зиёда ба масъалаҳои муҳимми тарбияи эстетикӣ равона намудан имкон дод, ки диққати аввал бештар ба проблемаҳои асосӣ ҷалб ва нуктаҳои муҳимми фарзияи таҳқиқот асоснок карда шавад. Махсусан, адабиёти илмии олимони тоҷик доир ба тарбияи эстетикӣ таҳлил гардида, таваҷҷуҳ, асосан, ба масъалаҳои истифодаи истилоҳ ва мафҳумҳо оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити ҳамкории коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дода шуд. Инчунин, консепсияи таҳқиқот таҳия шуда, ҳуҷҷатҳои коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ, ки масъалаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ва дараҷаи тавсеаи онро инъикос мекарданд, мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтанд.

**Дар давраи дуввуми таҳқиқот** (солҳои 2020-2022**),** нақшаҳои кори таълимию тарбиявӣ, вазъи воқеии ҳамкории тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳангӣ дар шаҳрҳои хурд, барномаҳои таълимӣ ва чорабиниҳо оид ба тарбияи эстетикӣ, ки тавассути муассисаҳои фарҳанг баргузор карда мешаванд, баррасӣ шудааст; консепсия ва барномаи педагогии ташаккули фарҳангиэстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамгироии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ таҳия ва бо истифода аз усулҳоитаҳқиқотипедагогӣ пурсиши анкетавӣ, пурсиши масъулини корҳоитарбиявии коллеҷҳо, мушоҳидаи фаъолияти кормандонимуассисаҳоифарҳанг ва роҳҳои ҳамкории ин ду ниҳоди муҳимми тарбияи эстетикии донишҷӯён тавсиф ва нишондиҳандаҳои он муайян гардидаанд. Дар ин давраи озмоиши педагогӣ «ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҷиҳати ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷуён ва самаранокии он зери назорат қарор дода шуда» [31,47], дар ин раванд иштироки бевоситаи муаллиф ва мушоҳидаҳои ӯ доир ба фаъолияти омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои фарҳанги шаҳр нақши ҳалкунанда дошт.

**Дар давраи сеюм** (солҳои 2022-2024) натиҷаи таҳқиқот дар як қатор пойгоҳҳои таҳқиқотӣ ҷамъбаст ва ба низом дароварда шуда, ниҳоят, хулосаҳои он имкон дод, ки ба барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ба таъмини равандҳои ҳамгиросозии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ такя карда, бо истифода аз имкониятҳои тарбиявии ин ниҳодҳо ҷавононро пайдарпай бо арзишҳои фарҳангӣ шинос ва ба фаъолияти бадеиву эҷодӣ ҷалб намуда, ба рушди фаъоли эстетикии онҳо асос гузошта шавад. Хулоса ва тавсияҳои дар заминаи ҷамъбасти корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ бадастомада ва

самаранокии барномаи педагогии таҳиянамуда ташаккулёбии фарҳанги зебоипарастии донишҷуёнро дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷу марказҳои фарҳангӣ ва шароитҳоипедагогиимукаммалгардонии онҳо тасдиқ намуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** дар заминаи принсипи муносибати ҳамгиройӣ ба кори тарбиявӣ-эстетикӣ ба роҳ монда шуда, зарурияти истифодаи он дар ин низом чун маҳаки асоси назариявии таҳқиқот таъкидшудааст. Вобаста ба ин, масъалаи "ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, ки ду ниҳоди муҳими тарбиявӣ-эстетикӣ маҳсуб меёбанд, яке аз принсипи муҳимми тарбияи эстетикӣ эътироф ва тасдиқ карда шудааст. Ҳамчунин, консепсияи инсондӯстонаи шахсият, ҳамчун фардияти худинкишофёфтаи комил, «омилҳо ва шаклу механизмҳои робитаи мутақобила», «консепсия, модел ва барномаҳои онон» [13], ки барои Тоҷикистон мувофиқанд, худидоракунӣ ва худташкилдиҳӣ чун яке аз роҳҳои самараноки ташкили раванди ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён арзёбӣ гардидааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2030», «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ», ҚонуниҶТ дар бораи «Масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», барномаҳои давлатии соҳаи маориф, фарҳанг ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ, ки дар онҳо вазифаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас муайян гардидаанд, низ асоси назариявии таҳқиқотро ташкилмедиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** ғояҳои файласуфон, сотсиологҳо, этнологҳо ва педагогҳо оид ба фарҳанги эстетикӣ чун ҳадафи муҳимми тарбияи эстетикӣ дар низоми таҳсилот; консепсияи ҳамкории функсионалии ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар низоми таҳсилот, аз ҷумла, тарбияи эстетикӣ (М.А.Ариарский, Ф.Шарифзода, Ш.Шоисматуллов); фаъолияти эстетикии инсон (М.С.Каган), назарияи тарбияи эстетикии муҳассилин (М.А.Верб, Е.В. Бондаревская, Б.Т.Лихачев, М.Лутфуллоев, В.А.Сластёнин ва диг.); ғояҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар назария, методика ва ташкили фаъолиятииҷтимоӣ-фарҳангӣ (М.А.Ариарский, Н.И.Ерошенков, В.А.Разум-ный, В.Е.Триодин, Н.Н.Ярошенко); заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ва фарҳанг; ниҳоят, арзишҳои фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди тарбия ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот:**

1. Осори мутафаккирон бахшида ба масъалаҳои эстетикӣ ва тарбияи зебоипарастии муҳассилин.
2. Асарҳо, рисолаҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ марбут ба тарбияи эстетикӣ.
3. Феҳристи адабиёти илмӣ-методӣ, сарчашмаҳои фалсафӣ, таърихӣ, педагогию психологӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо.
4. Омӯзиш, ҷамъбаст ва таҳлили масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимиву фарҳанг ва санадҳои бадастомада.

5. Ба даст овардани иттилоот аз натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ оид ба ташаккули маърифати эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ.

**Заминаҳои эмперикии таҳқиқот:** Хусусиятҳои ташаккули фарҳангӣ-зебоипарастии донишҷӯён дар ҷараёни таълими фанни эстетика ва корҳои беруназаудиторӣ ба диди фалсафӣ, сотсиологӣ, зебоипарастӣ, педагогӣ ва монанд ба инҳо такя намуда, арзёбӣ шудааст; ғоя, падидаҳои педагогии муосир вобаста ба талаботи ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг оид ба корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ба инобат гирифта шуда, дар маҷмуъ, ба чунин усулҳои эмперикӣ: омӯзиш ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадам оид ба тарбияи эстетикӣ ва ҳамкории коллеҷу муассисаҳои фарҳанг дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ; хонапурӣ намудани анкета, суҳбат, мушоҳида, озмоиш, арзёбиву санҷиш, гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишии педагогӣ, муқоиса ва таҳлил мушаххас карда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот** – коллеҷи технологӣ ва инноватсионӣ, МД МЭФ Кохи ҷавонони ба номи Лоиқ Шералӣ, Кохи фарҳанги ба номи Олим Бобоев, Муассисаи давлатии мактаби санъати бачагона, 2 адад боғ – Боғи тиллоӣ ва боғи ба номи Камоли Хуҷандӣ, 5 адад-ансамбл, Китобхонаи системаи марказонидашуда бо 29 филиал-китобхонаҳои шаҳру деҳот инчунин,бахшҳои маориф ва фарҳанг ба шумор меравaнд. Дар корҳоиозмоишӣомӯзгорон, донишҷӯёнвакормандонифарҳанги шаҳр иштирок доштанд.

**Навгонии илмӣ** дар он аст, ки:

- асосҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷҳо ва марказҳои фарҳангӣ - тарбиявӣ дар доираи шаҳрҳои хурд зимни муносибати маҷмуӣ ба кори тарбиявӣ-эстетикӣ ҳалли худро ёфтааст;

- ташкил намудани тарзҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои тарбиявӣ зебоипарастӣ ҷиҳати рушди эстетикии муҳассилин бо дарназардошти баҳисобгирии маълумот доир ба муҳити эстетикии ҷавонон, дараҷаи фаъолнокии бадеӣ-эҷодии онҳо ва усулҳои ташкили ин раванд пешгӯӣ шудааст;

- номуттасилии фаъолияти якҷояи ин ниҳодҳо дар кори беруназаудиторӣ, ки дар натиҷаи ҳамкории нокифояи коллеҷ ба фаъолияти муассисаҳои фарҳанг оид ташаккули зебоипарастӣ амал мекунанд, бартараф гардиданд; ҷузъҳои асосӣ, самтҳо ва нишондиҳандаҳо (маърифати эстетикӣ, ҷиҳати баҳодиҳии ҳиссӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ) мушаххас карда шуданд;

- шароитҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён муайян гардидаанд;

- ба дараҷаи зарурӣ ба эътибор нагирифтани махсусиятҳои марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ҳамкорӣ оид ба тарбияи эстетикии ҷавонон, суст гардидани ҳамоҳангсозии потенсиали тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг низ муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Фаъолияти якҷояи коллеҷҳои техникӣ ва марказҳои фарҳангию тарбиявӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён соҳаи пурра

худмухтор ва аз дигар ниҳодҳои субъектҳои раванди тарбиявӣ ҷудо набуда, балки қисми таркибии низоми ягонаи ташаккулёфта ва таъсиррасонӣ буда, робита ва муносибатҳо, мувофиқгардонии фаъолият ва ҳамкории иштирокчиёни раванди ташаккули фарҳанги зебоипарастиро ташкил медиҳад, ки дар он нақши ҳалкунандаро ҳамоҳангсозии кори муассисаҳои таълимию фарҳанг мебозанд. Онҳо самт, мазмун ва шаклҳои кори беруазаудитории тарбиявии донишҷӯёнро муайян сохта, ҷиҳати таъмини илмӣ-методии ин унсури муҳимми тарбиявӣ, инчунин, ба барномарезии ғанӣ гардонидани муҳити эстетикии минтақа мусоидат менамоянд.

2. Шартҳои муҳимми фаъолияти ҳамгиройи мутақобилаи педагогии коллеҷҳои техникӣ ва марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, ки раванди номуттасили таъсиррасонии педагогиро ба фаъолияти таълимию тарбиявии донишҷӯён ва кори беруазаудитории онҳо бартараф карда метавонад, инҳоянд, ки нуктаҳои дигари ба ҳимоя пешниҳодшавандаанд:

а) барномарезии ягона дар заминаи фаъолияти тарбиявӣ-эстетикии коллеҷ бо марказҳои фарҳангиву тарбиявӣ новобаста аз тобеияти идоравӣ, сохти ташкилӣ, ҷиҳати рушди эстетикӣ-ахлоқии донишҷӯён зарурат дорад;

б) ҳамоҳангсозии мунтазами нерӯҳои тарбиявии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ ҷиҳати ба натиҷаи ниҳоӣ расидан – банақшагирии маҷмуӣ (комплексӣ) дар низоми ягонаи тарбияи эстетикӣ буда, табдили онро барои дар ниҳоди донишҷӯён ташаккул додани фарҳанги зебоипарастӣ ва муносибати эстетикӣ ба воқеият ва санъат вусъат мебахшанд;

3. Барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамгиройии функсионалии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ аз қисмҳои зерин иборат аст:

- фаъолияти якҷояи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дар низоми тарбияи эстетикии донишҷуён тавассути коркарди нақшаҳои муштараки кори тарбиявӣ, таъсиси шуроҳои ҳамоҳангсозӣ, иштироки тарафайни омӯзгорону кормандони фарҳанг дар кори ниҳодҳои тарбиявӣ;

- муайян намудани ҷойгоҳи ҳар як ниҳоди тарбиявӣ - эстетикӣ дар ин низом ва ба такрори фаъолияти якдигар роҳ надодан; бо истифода аз имкониятҳои нерӯи зеҳнӣ ва ҳиссӣ ба эҳсосоти донишҷӯён ҷиҳати азхудкуниии маънииасарҳои санъат ва таъсири ҳиссӣ-эстетикӣ ба неруи тарбиявӣ расонидан;

- истифодаи се ҷузъи таркибӣ (маърифати эстетикӣ, дараҷаи ҳиссӣ-арзёбӣ, ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолиятии бадеӣ-эстетикӣ), инчунин, тавсеаи шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ, ки фаъолнокии донишҷӯёнро ҷиҳати азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва имкониятҳои муносибати эҷодкорона ба муҳити воқеӣ таъмин менамояд.

4. Шаклҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии самти эстетикӣ, ки кори тарбиявӣ-эстетикии донишҷӯён ва рафтуойкунандагони муассисаҳои фарҳангро фаъол мегардоданд, ягонагии намудҳои оммавӣ, гурӯҳии маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамойи донишҷӯёни коллеҷро ба фаъолияти эстетикӣ (тавассути вохӯрӣ бо шоирону нависандагон, адабиётшиносон, мунаққидон, лексия-консерт, дарсҳои маҳорат, презентатсияҳо, ташкили семинару

конференсияҳо, ҷашнвораҳову озмунҳо, иду маросимҳои миллӣ, таъсиси гурӯҳҳои ташаббускорон оид ба ташкили маҳфилҳои фарҳангу санъат, шеърдӯстон, ширу шакар, иттиҳодияҳои эҷодиву клубҳои баҳсу мунозиравӣ, ҳунаромӯзӣ, инчунин, ба дигар тадбирҳои самти фаъолияташон эстетикӣ буда таъмин ва рушди зебоипарастии онҳоро фаъол мегардонанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**Ягонагии ногусастании фаъолияти ниҳодҳои таҳқиқшуда – коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳангии шаҳрҳои хурд дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилини таҳқиқшаванда бо назардошти хусусиятҳои институтҳои тарбиявӣ асоснок гардидааст, ки ба тамоили тақвияти ҳамкории функсионалии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ дар фаъолияти тарбиявӣ - эстетикиашон вобастагии ногусастанӣ дорад. Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ тибқи принсипҳои муносибати маҷмуӣ ва ҳамгиройӣ дар тарбия муайян, заминаҳои илмии барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ асоснок ва таҳия карда шудаанд. Радабандии (типология)-и дараҷаи фаъолнокии фарҳангӣ ва бадеӣ-эҷодии донишҷӯён коркард ва дар ин раванд вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ вобаста ба он ҳама мушаххас карда шудаанд.

2. Аҳаммияти амалии таҳқиқотаз он иборат аст, ки дар таҳқиқот барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангсозии нерӯҳои тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳанг коркард шуда, шароитҳои педагогии бомуваффақияти пешрафти фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон асоснок гардидааст.

3. Бояд таъкид намуд, ки барномаи таҳиягардидаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди озмоиши педагогӣ санҷидашуда имкон медиҳад, ки коллеҷҳо ҳамгироиро бо муассисаҳо ва марказҳои фарҳанг таъмин намуда, фаъолияти тарбиявии муштаракро ба роҳ монанд, аз анъанаҳои бадеии маҳал самаранок истифода бурда, ба шуур, эътиқод ва эҳсосоти эстетикии муҳассилин таъсири мусбат расонанд.

4. Умуман, натичаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ҳамкории коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг таҳияшуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ метавонад, дар корҳои тарбиявӣ-эстетикиашон кӯмак расонад. Инчунин, маводи дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада ва монографияи нашршуда метавонад барои шуъбаҳои маориф ва бахшҳои фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявии минтақа ва, умуман, ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ ёрӣ расонида, ҳамзамон, дар доираи курсҳои интихобӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия:** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот, тасдиқи пешгӯиҳои илмии дар фарзия баёнгардида ва нуктаҳои назариявӣ комилан мутобиқанд; мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявии ташаккули

фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории коллеҷу муассисаҳои фарҳанг ва кофӣ будани сарчашмаҳо ва маводи истифодашуда санҷида шудаанду истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти аз он бадастомада дар доираи хулосабарорӣ асоснок карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**Мавзуъ, мундариҷавамуҳтавоидиссертатсияба бандҳои шиносномаиихтисосиилмии 5.3.9. Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла, ба банди 1 – Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозииравандҳоииҷтимоӣ-педагогӣ дармуассисаҳои таълимӣ ва банди 4 – Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ)мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот дар доираи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ,шарҳ ва муқоисаи маълумоти коркардшудаи илмӣ, дастурҳои батартибдарорӣ, санҷиш, муайян намудани заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқот, аниқсозӣ ва тавсеаи аппарати илмӣ, интихоби методҳои таҳқиқот, асоноккунӣ, таҳия ва татбиқи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамгироии мутақобилаи коллеҷ ва марказҳои фарҳангию маърифатӣ, муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва коркарди шаклу усулҳои нави фарҳангию маърифатии донишҷӯён, ҷамъбасту натиҷагирӣ аз раванди корҳои таҳқиқотӣ, пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон ва кормандони фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ назаррас аст.

**Тасвиб ва амалисозӣ**. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар раванди таълими фанни эстетика ва этика, корҳои беруназаудитории коллеҷҳо, дар нишастҳои илмӣ-методӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, дар амалия татбиқ намудани онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Инчунин, дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ, иштирокибевоситаиунвонҷӯ бобати ҷамъоварии далелҳо, батартибдарорииионҳова дар раванди санҷишударамалиятатбиқ намудани натиҷаҳои он ҳама назаррас аст.

Натиҷаҳоитаҳқиқот тавассути маърузаҳои илмӣ ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ: (ш.Самарқанд ва Челябинск), ҷумҳуриявӣ ва дарҷаласаҳоишуъбаипедагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироагардидааст.

**Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия.** Дар доираи мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 8 номгӯй интишорот чоп гардидааст, ки аз ин теъдод 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва ё тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Руссия ба табъ расидаанд. Инчунин, аз ҷониби муаллифи рисола (монография) дар ҳаммуаллифӣ низ нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**: Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои

диссертатсия дар 190 саҳифаи чопи компютерӣ иншо гардида, ду ҷадвал ва як диаграмммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аз 173 номгӯй аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима**мубрамии мавзуи таҳқиқоти илмӣ, мақсад,вазифа, объект, предмет, фарзия, вазифаҳои таҳқиқот асоснок карда шуда, навгониҳоиилмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, санҷишҳои дурустии натиҷаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда дақиқ баррасӣ гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия «Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳо чун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ»** зикр мегардад, ки масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас ва, умуман, тарбияи эстетикии муҳассилин дар низоми таҳсилот ва фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Проблемаи таҳқиқоти он комплексӣ ва байнифаннӣ буда, олимони мухталифро ҷалб кардааст. Дар маҷмуъ, дар ин боб аз мавқеи илмҳои педагогӣ хусусиятҳои тарбияи эстетикии донишҷӯён мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, вазъияти корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар ҷумҳурӣ таҳқиқ ва проблемаи ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, шароитҳо ва роҳу усулҳои беҳсозии онҳо дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ муқаррар карда шудааст. Проблемаи ҳамкории байниҳадигарии коллҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг, роҳҳо ва усулҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар зебоби аввали боби якум, ки «Омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар педагогика»** номгузорӣ шудааст, омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар доираи асарҳои олимони зиёди ватанию хориҷӣ, ки таҳқиқотҳои арзишмандеро анҷом доданд, инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла, дар ин қисмат тибқи истифода аз “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” истилоҳи эстетика чунин таъкид шудааст: «Эстетика таълимоти фалсафиест, ки қонунҳои умумӣ, моҳият, пайдоиш ва тараққиёти санъатро таҳқиқ менамояд ва қонунҳои тараққиёти онро аз нуқтаи назари зебоии ҳаёт ва инъикоси онро дар асарҳои санъат меомӯзад» [99, 671].

Қобили зикр аст, ки оид ба ин масъала А.Г.Агаев, Ю.В.Бромлей, М.А.Верб Л.Н.Гумелев, А.Ф.Дашдамиров, М.Дробижева, М.С.Каган, В.А.Разумный ва дигарон дар таҳқиқотҳояшон изҳори назар кардаанд. Масалан, барои таҳқиқоти мо консепсияи файласуфи рус М.С. Каган хеле муҳим аст. Мутобиқи андешаи М.С. Каган, «фаъолияти эстетикӣ ташаккулёбии материя тибқи «қонунҳои зебоӣ» буда, махсусияти ҷамъбастиро соҳиб аст» [38,110-124]. Вобаста ба ин,«ҳамаи намудҳои фаъолияти эстетикӣ бо ин ё он дараҷа ҳамчун фаъолияти эстетикӣбаррасӣ карда мешаванд» [38,110-124]. Инчунин, олими рус М.А.Верб чунин меҳисобад, ки «фарҳанги эстетикӣ маҷмуи сифатҳо, таҳсилоти шахсӣ, махсусият, истиқболи зебоӣ ва иштирок дар бунёди зебоӣ буда, моҳияти он бошад дар азхуднамоии маҷмуи қобилият, истиқболи бадеӣ ва эҷодӣ

мебошад» [26,3-10]. Бевосита «масъалаҳои эстетикӣ чун хориқаи илмӣ ва дар заминаи арзишҳои миллӣ» [71,23-29] дар рисола ва мақолаҳои илмии мудири шуъбаи фалсафаи фарҳанги институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи назди АМИ ҶТ Раҳимов С.Р. аз ҷиҳати назариву методологӣ ва нигоҳи миллӣ хуб анҷом дода шудааст.

Дар яке аз таҳқиқот зери роҳбарии Ю.У.Фохт-Бабушкин дар мавзуи «Асосноккунии комплексии маъалаҳои фарҳанги бадеӣ ва тарғиби асарҳои санъат» ин мавзуъ аз ҷиҳати илмӣ асоснок шудааст [100,5].

Ҳамчунин, дар омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзуъ саҳми олимони дигари педагогика низ назаррас аст. Чунончи, Д.Латифзода, М.Лутфуллоев, И.Каримова, А.Нуров, Б.Раҳимов, С.Рахимов,М.Саидов Ф.Шарифзода, Ш.Шоисматуллоевва дигарон дар таҳқиқотҳояшон андешаҳои хешро доир ба мақсад, вазифаҳо, мазмун, шакл ва методҳои ин унсури муҳимми кори тарбиявӣ баён сохтаанд. Аз ҷумла, Д.Латифзода «ҷанбаҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ, тарбияи эстетикиро тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» [48,25] мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ, Саидов А.Р., ки рисолаи номзадӣ ва якчанд мақолаҳои илмии худро ба масъалаҳои «ташаккули фарҳанги эстетикӣ, ҳамчун мушкилоти муҳимми педагогӣ ва тарбияи эстетикӣ, дар раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва ғ. бахшидааст, ташаккули фарҳанги эстетикиро чун хориқаи илмӣ-фарҳангӣ ва педагогӣ баррасӣ намуда, омодагии омӯзгорро ҷиҳати истифодаи арзишҳои эстетикии санъат, роҳҳо ва механизмҳои тарбия, таълим ва инкишофро дар ин раванд» [165,118-121]таҳқиқ кардааст. Бояд таъкид сохт, ки Зоҳидова С.Н. «равандҳои тарбияи эстетикиро роҷеъ ба ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагони хурдсоли мактабӣ»[ 155,240-243] мавриди таҳлил қарор додааст. М.Лутфуллоев кайд мекунад, ки «идеали эстетикӣдар педагогикаи халқи тоҷик инъикос ёфтааст» [54,118-121]. Ф.Шарифзода «камбудиҳои асосии тарбияи эстетикиро дар набудани муносибати комплексӣ ва ҳамоҳангсозӣ» мебинад» [101,304].

Ҳамин тариқ, дар илми педагогика, тибқи нуқтаи назари бештари муҳаққиқон, тарбияи эстетикӣ муҳимтарин қисми таркибии раванди ҳаматарафаи мураттаби инкишофи комили шахсияти насли ҷавон муаррифӣ гардидааст. Бале, тарбияи эстетикӣ қисми ҷудонашавандаи эстетика буда, мақсади он ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас маҳсуб меёбад.

**Дар зебоби дуюми боби якум – «Хусусиятҳои ҳамкории мазмунӣ-технологии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён»** – зикр мегардад, «тамоми намуди фаъолияти инсонӣ бо андозаи муайян, ҳамчун маърифат эстетикӣ ва фаъолияти эстетикӣ, ва ҷалбшавии шахс, густариш ва ташаккули эстетикӣ фаҳмида шуда, арзишҳои шахсият марбут ба фаъолияти ӯ дониста мешавад» [84,26]. Инчунин, зимни такя намудан ба маъхазҳо дар таҳқиқотҳо собит шудааст, ки «ба зебоӣ қарин будан аз дигар соҳаҳои ташаккули муҳассилин ҷудо набуда, баръакс, фарогири маҷмуи намудҳои гуногуни санъат ва дигар намудҳои фаъолияти бадеӣ ба шумор меравад» [141, 88].

Тарбияи эстетикӣ дар системаи (низоми) таҳсилотӣ ва фарҳангӣ қисми ҷудонашавандаи мураттаби инкишофи комили шахсият мебошад.

Аммо вазифаи он танҳо аз инкишоф додани ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии насли наврас набуда, балки ба такмил додани нерӯиҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии онҳо низ нигаронида шудааст. Дар «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ” қайд мегардад, ки «қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки боигарии ахлоқӣ, маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад» [8,19]. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар насли наврас қобилиятҳои эҷодӣ, маҳорат ва кори амалӣ оид ба оид ба ҳамоҳангсоз тарбияи эстетикӣ ба роҳ монда шавад [69, 77-78]. Бо нуқтаи назари олими рус “ оид ба дар ниҳоди кӯдакон ташаккул додани ҳиссӣ зебоипарастӣ низ пурра розӣ шудан мумкин аст [32, 137]. Бинобар ин, ташаккули ҳиссӣ эстетикӣ заруаст, ки аз айёми хурдсолӣ ташаккул дода шавад [32, 137].

Инчунин, аз таҳлили адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти анҷомдодашудаи олимони замони муосир бармеояд, ки фарҳанги эстетикӣ чунин унсурҳоро низ дорост: шуури эстеткии инсонҳо; ҷилваҳои зебоишиносии фаъолияти гуногуни тарбияи эстетикӣ; меҳвари асосии фарҳанги зебоишиносӣ, меъморӣ ва фарҳанги бадеиро ҳам. «Ба фарҳанги зебоишиносии муосир эстетикаи муҳити зист, фарҳанги рӯзгор ва фарҳанги варзишро низ метавон ворид намуд» [91, 154-155 ].

Дар ин боб зикр мегардад, ки ташаккули шуури эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисӣ-техникӣ аҳаммияти калон дорад. Зеро, ки онҳо арзишҳои эстетикиро азхуд намуда, на танҳо соҳиби маърифати техникӣ мегарданд, балки маърифати эстетикӣ ва сатҳи умумифарҳангии хешро такмил ҳам медиҳанд[ 69, 72 ].

Дар маҷмуъ, дар заминаи таҳқиқи маводи назариявӣ оид ба роҳҳои асосии ташаккули фарҳанги эстетикии наврасон ва ҷавонон чунин хулоса кардан мумкин аст: муҳим он аст, ки дарки ҳиссӣ-эстетикӣ, фаъолияти иттилоотӣ-маърифатӣ (дар шакли бадеӣ) ғанӣ, эстетикикунонии соҳаи таҳсилот бой ва кори эҷодии гуногунҷанба фаъол гардонида шавад, кор дар ин самт ҳамоҳанг сохта шавад.

Ҳамзамон, аз таҳлили вазъи тарбияи эстетикии насли наврас дар ҷумҳурӣ, таҳлили ҳисоботҳои шуъбаи маориф, фарҳанги шаҳр ва ноҳия, суҳбат бо кормандони онҳо, омӯзиши ҳуҷҷатҳои коллеҷҳо, пурсишу мушоҳидаҳои донишҷӯён, баррасии фаъолияти бевоситаи кормандони низоми фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ бармеояд, ки ин унсури тарбияи ҷавонон дар низоми фарҳангу маориф мушкилоти зиёдеро дорост. Чунончи:

- коста будани ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи эстетикии муҳассилин;

- эътибори ҷиддӣ надодан ва ёрии амалӣ нарасонидан ба муассисаҳои фарҳангу маориф доир ба тарбияи эстетикӣ, махсусан, дар деҳот;

- кам будани мутахасисони соҳибмаълумот, омӯзгорон ва мавҷудияти камбудиҳо дар ҷо ба ҷо гузории кадрҳо ва ғ.

Ниҳоят, омили мусбат нисбат ба солҳои пешин афзудани теъдоди кормандони соҳаи фарҳанги зебоипарастӣ аз ҳисоби занонро низ зикр кардан бамаврид аст. Ин тамоил бениҳоят зарур аст, зеро дар ин самти

корҳои тарбиявӣ саҳми бонувон хеле назаррас буда метавонад. Зеро зан худ олиҳаи зебоист.

Аз ин лиҳоз, ба мақсади рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар низоми тарбияи эстетикӣ дар ҷумҳурӣ мо тасмим гирифтем, ки дар бобидуюми рисола шартҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангро дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ (зебоипарасти)-и донишҷӯён мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, механизмҳои иҷтимоӣ-педагогии беҳтарнамоии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёнро дар раванди фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ дар шароити ҳозира муайян созем.

**Боби дуюми диссертатсия** ба масъалаҳои **«Шароитҳои педагогӣ ва механизмҳои ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипастии донишҷӯён»** бахшида шудааст, ки дар он роҳҳои нави тарбияи эстетикии донишҷуён дар раванди ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, шароитҳоипедагогиион муайян карда шудаанд. Аз ҷумла қайдкардамешавад, омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ маълум намуд, ки дар фаъолияти амалӣ як нуктаи муҳим - ҳамкории фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа на ҳама вақт пурра ба эътибор гирифта ва дар кори тарбияи эстетикӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Аз ҷумла, ба ақидаи сотсиологи тоҷик Шоисматуллоев Ш. «тавассути институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ ботартиб, бонизом, расмӣ ва стандартӣ гардонида мешаванд» [102, 206]. Илова ба ин, қайд мекунад, ки «дар ин раванд масъалаҳои интегратсионӣ, ҳамкорӣ, аз кори якдигар вобастагӣ доштан ва масъулияти байниҳамдигарии аъзоёни дигари гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд»[102, 207].

Муттаҳид намудани неруҳо ҷиҳати иҷрои кори якҷоя, сафарбарии қувваҳои муштарак ва истифодаи захираҳои хеш баҳри расидан ба ҳадафҳои гузошташуда талаботи зарурӣ ва ҳадафи ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёбанд, ки дар ин росто Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд: «моро зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таълимии санъату ҳунар, осорхонаву китобхонаҳо, театрҳо ва марказҳои фарҳангиро беҳтар гардонем, аҳли ҷомеаро ба ин муассисаҳо ҳар чӣ бештар ҷалб кунем ва ба ин роҳ бо раванди баланд бардоштани сатҳи маърифату маънавиёти аҳли ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон, яъне наслҳои ояндасози миллат ва рушди фарҳанги миллӣ, такони ҷиддӣ бахшем» [75, 37].

**Дар зербоби якуми боби дувум «Фарҳанги эстетикии донишҷӯён ва механизмҳои ташаккули он дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг»** дар иртибот ба гуфтаҳои боло, мебояд таъкид сохт, ки ташаккули шуури этноэстетикӣваҷалбнамуданидонишҷӯёнбафаъолияти зебоипарастӣ, махсусан,бароимуҳассилинисоҳаимуҳандисӣ-техникӣ хеле зарураст. Зеро ки дар сурати аз арзишҳоиэстетикӣбархурдорнагардиданионҳоватанҳодардоираи фарҳанги техникӣрушдкарданашон мумкинаст, ки ин қишри тарбиятгарон дар худинкишофисатҳиумумифарҳангиашонроташаккулдоданатавонанд. Ин

боиси арзишҳои эстетикиро дарк карда натавонистани онҳо мегардад ва ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Шартҳои ҷалбнамоӣ ба ба арзишҳои эстетикӣ аз назари Ф.Шарифзода чунинанд: "ҳамкорӣ ва робитаи мутақобилаи институтҳои гуногуни ҷомеа, ки "ҳамкории педагогӣ", " ҳамкории омӯзгорон", " ҳамкории волидайн"- ро пешбинӣ менамояд" [101, 362].

Инро ба назар гирифта, мо дар таҳқиқоти худ ба таҳияи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ дар заминаи ҳамкории мутақобилаи онҳо бо муассисаҳои фарҳанг таваҷҷуҳи бештар додем: аз он ҷумла муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, студияҳои эҷодӣ ва марказҳои фарҳангӣ, майдончаҳои варзишӣ дар ҷойҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳо, осорхонаҳо ва мавзеҳои таърихиву фарҳангӣ, намоишгоҳҳо, толорҳои намоишӣ, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, театрҳо, кинотеатрҳо, мактаби мусиқии шаҳри Панҷакент таҳия намудем. Барномаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки барои муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботҳои гуногуни донишҷӯён дар соҳаи фарҳангию фароғатӣ имкониятҳои мусоид фароҳам оварад.

Оид ба ин масъалаҳо нуктаҳои назарр Ш.Шоисматуллоев «дар бораи ҳамкорӣ дар ҳар гуна зина» [102,206], Ю.Д.Красилников «оид ба истифодаи фолклор, анъанаҳо, марказҳо ва дигар сохторҳо дар заминаи фарҳанги анъанавии маҳал, ҳунарҳои мардумӣ, хеле муҳиманд» [41, 207-208]. Ҳамин тариқ, хулоса бояд кард, ки «самаранокии кори институҳои иҷтимоӣ аз тақсимоти дурусти вазифаҳо, (нақшаҳо) ва коркарди механиҳмҳои муайянкунандаи иҷрои корҳои зарурӣ» вобаста аст» [102, 206].

Бояд таъкид сохт, ки дар барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии аз тарафи мо таҳияшуда дар заминаи принсипҳои зерин коркард шудааст: «принсипи системанокӣ» [45,8-9], муносибати комплексӣ, гузариш ба раванди дараҷаи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ, эҳтироми фарҳанги миллӣ ва эътирофи арзишҳои умумибашарӣ» [17,46]; «принсипи ҷалби донишҷӯён ба анъанаҳои фарҳангӣ-этникии ватанӣ» [96,50]; «принсипи истифодаи «намудҳои гуногуи санъат» [59,26];, «принсипи робитаҳои байнифарҳангӣ чун асоси якдигарро ғанӣ гардонидани фарҳангҳо ва худинкишофёбии онҳо»[13,45]; «принсипи ташвиқи худфаъолият ва ташаббуси донишҷӯён ҷиҳати инкишофи қобилиятҳои эҷодии онҳо, махсусан, ҳунарҳои мардумии минтақа» [41,207-208]; «принсип гуманизатсия» [59,335], «принсипи пайдарҳамӣ; принсипи шавқмандӣ ва тафриқавӣ дар кори беруназаудиторӣ [41,207-208], «принсипи гуманизатсия» [59, 335] ва дигар принсипҳо, ба мақсади рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо. Принсипҳои номбурда ба тариқи маҷмӯӣ татбиқ карда мешаванд.

**Дар зербоби дувум «Роҳҳои мукаммалгардонии ҳамкории мутақобилаи педагогии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар рушди эстетикии донишҷӯён»** шаклу усулҳои мухталифи ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг таҳлил ва баррасӣ шуда, қайд мегардад, ки дар тарбияи эстетикӣ барои ҳалли вазифаҳои ҳамкории ниҳодҳои тарбиявӣ роҳҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Яке аз онҳо таҳияи нақшаҳои кории якҷояи

хонавода, коллеч, аҳли ҷамъиятчигӣ, муассиаҳои фарҳанг ва дигар институҳои тарбиявӣ- фарҳангӣ, ёрӣ ба волдайн дар ташаккули маърифати педагогии онҳо, ҳамкории оила бо мактаб, иштирок дар шуроҳои дохилимактабӣ, инчунин, шуроҳои шуъбаҳои маориф ва бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ, мебошанд, ки дар онҳо мушкилот ва масъалаҳои муҳимми тарбиявӣ-эстетикии омӯзгорон ва волидайн баррасӣ карда мешаванд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки, агар дар кори тарбиявӣ-эстетикӣ “шаклҳои маҷмуии таълимӣ ва фарҳангию фароғатӣ: оммавӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ самаранок истифода гардида, ҳамзамон, ба мазмуни онҳо аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад [41, 207-208]. Манфиатҳои тарафайн риоя гардаду ҷойгоҳи ҳар як ниҳод дар система мушахассан муайян карда шавад. Дар ин раванд масъалаҳои ҳамгироии мутақобила (интегратсия), аз кори якдигар вобастагӣ доштан ва масъулияти байниҳамдигарии аъзоёни дигари гурӯҳҳои иҷтимоӣ мушаххас, шуда, ҷойгоҳи ҳар як ниҳод, ҳамкории давомдори онҳо низ ба вуҷуд меояд [102, 207-208].

Натиҷаҳои ҳамин боб зимни таҳқиқоти мо чунин ҷамъбаст карда шудаанд:

- татбиқи функсияҳо, ҳамоҳангсозии бамавриди ниҳодҳо, тақсимоти асоснок ва дурусти вазифаҳо, таҳияи нақшаи ягона барои шаҳр ва ё ноҳия, ҳалли бисёр масъалаҳо ва мушкилоти корҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар ин ё он минтақа, дар заминаи дурусти илмиву методӣ ташкил шудани он боиси такмили кори тарбиявӣ-эстетикӣ мегардад[ 17,56];
- омода намудани ҳуҷҷатҳои меърию ҳуқуқии дахлдор байни муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг (лоиҳа ва барномаҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо, ҳамоҳангсозии муштаракишуроҳои бадеӣ-эҷодии онҳо) ва ғ.;
- дар интихоби шаклҳои муштараки корҳои тарбиявӣ ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва фарҳангӣ ҳам манфиатҳои кори муассисаҳои таълимӣ ва ҳам муассисаҳои фарҳанг ба ҳам мувофиқат кунанд;
- корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ «бо ҷалб намудани волидайн, аҳли ҷамоатчигӣ ва муҳассилини муассисаҳои таълимие» [170,41-45]], ки дар шаҳрҳои аҳолиашон камшумор ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ташкил карда шавад;
- тавассути технология ва усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ эҳтиёҷоти маънавии хонандагон ва донишҷӯён мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мувофиқи дархости онҳо «репертуари театр, барномаҳои бадеии муассисаҳои фарҳанг ва санъат, хазинаи китобхонаҳои оммавии шаҳр ва мактабӣ таҳия, дастрас ва дуруст ба роҳ монда шавад ва ғ.» 31,101-105].

Гузашта аз ин, дар корҳои тарбиявии коллеҷ зебоӣ бояд ёвари асосӣ ба шумор рафта, хоҳиши эҷодкориро бедор созад. Он бояд тамоми соҳаи фаъолияти коллеҷро фаро бигирад: дар ин ҷода зебоии бинои таълимӣ, зебоии шахсияти омӯзгор, донишҷӯ ва муҳити эстетикӣ боз ҳам зарурати бештарро доро бошад. Ҳамчунин, «чорабиниҳо оид ба тарбияи эстетикӣ набояд эпизодӣ (лаҳзавӣ), балки пайдарҳам ташкил ва баргузор гардида»

17, 57], вобаста ба ин, дар ниҳоди донишҷӯён ба пайвастагии зичи тарбияи эстетикӣ бо ҳаёт ва таҷрибаи амалӣ мусоидат намоянд.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Ташаккули маърифати зебоипарастӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ– шарти муҳимми ҳамкории мутақобилаи педагогӣ (ҷамъбасти натиҷаҳои кори озмоишӣ - таҷрибавӣ)»** барномаи таҳқиқотӣ асоснок, вазифаҳои асосии он муайян ва бо истифода аз "усулҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ (В.Кузмина) ҳамкории функсионалии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дараҷаи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти эҷодиву бадеӣ таҳқиқ шуда» [45,8-9], инчунин, имкониятҳои педагогии мукаммалгардонии фаъолияти онҳо дар ин самт муқаррар гардидааст. Механизмҳои амалӣ гардонидани барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён муайян ва аз тариқи кори озмоишӣ-таҷрибавӣ самаранокии он мавриди санҷишу хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

**Дар зербоби якуми ин боб, ки «Асоснок намудани вазифаҳои барномаи таҳқиқотӣ»** номгузорӣ шудааст, таъкид мешавад, ки озмоиши ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ имкон додааст, ки вазъи воқеии фаъолияти якҷоя ва ҳамгиройии муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва ҷомеа дар тарбияи эстетикӣ муайян карда шавад.

Ҳамчунин, кӯшиши шурӯъ ба коркарди барномаи педагогии таъсири «ҳамкории мутақобилаи коллеҷ бо муассисаҳои фарҳангӣ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар заминаи консепсия ва стратегия» (В.А.Разумный) [70,48-49] дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд, ки он барномаву чорабиниҳои фарҳангии ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва таърихии кишвар вобаста гардонидаро пешбинӣ менамояду ҳамзамон, ба талаботи равонию мукаммалии шахсияти муҳасилин мувофиқ ҷавобгӯ аст. Чунин барномаи педагогӣ фарогири ҷузъиётҳои зерин мебошад:

-муайян намудани дараҷаи маърифати эстетикии донишҷӯёни коллеҷ тавассути азхудкунии арзишҳои эстетикӣ;

-ошкор сохтани дараҷаи дарки эмотсионалӣ-бадеӣҷиҳати иштирокашон дар чорабиниҳои оммавӣ-фарҳангӣ;

-ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ ва дигар унсурҳои таҳсилоти бадеӣ.

Вобаста ба ин, се навъи гурӯҳи муҳассилини коллеҷ мушоҳида карда шудаанд, ки аз рӯйи инкишофи дараҷаи шавқу ҳавас, дараҷаи мухталифи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикиашон куллан аз ҳамдигар фарқ доштанд.

Инчунин, дар ин фасл бобати рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамгироии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ таҳия гардида, бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти педагогӣ (пурсиши анкетавӣ, пурсиши масъулини корҳои тарбиявӣ, мушоҳидаҳо аз рӯйи фаъолияти кормандони муассисаҳои таълимиву фарҳангӣ), зимни такя ба консепсияи назариявӣ, барномаи таҳқиқотии педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва

радабандии (типология)-и донишҷуён дар раванди ҳамгироии коллеҷу марказҳои фарҳангӣ муайян ва роҳу механизмҳои ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангсозии ин ду ниҳоди муҳимми тарбияи эстетикии донишҷӯён асоснок ва ошкор карда шудааст. Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки:

- таъсири мутақобилаи педагогии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ номунтазам ва кӯтоҳмуддат будааст;

- нақша ва барномаҳо зимн ҳамоҳангсозӣ ба роҳ монда нашудаанд;

- худи донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ-бадеӣ дар давраи таҷрибаомӯзӣ Дар рафти мкам ҷалб карда мешудаанд.

Бо назардошти ин дар барномаи педагогии ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ ба ҷуз аз истифодаи имкониятҳои объективии такмили кори тарбиявӣ-эстетикӣ, имкониятҳои зерини иҷтимоӣ-фарҳангӣ пешбинӣ шудааст:

- ҳамкории зичи фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ дар мазмун ва шаклҳои кори коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанги шаҳр таъмин гардад;

- «азхудкунии донишҳои дар мактаб ва коллеҷ азхудкардаи муҳассилин аз фанҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ, фарҳангшиносӣ, этикаву эстетика мутассил ва бонизом ба роҳ монда шуда, баргузории чорабиниҳои беруназаудиторӣ доир ба тарбияи эстетикӣ такмил ва тавсеа ёбанд» [15,160];

- фаъолияти тарбиявӣ-эстетикии коллеҷ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои фарҳангии шаҳр «дар доираи фаъолияти фарҳангӣ - фароғатии донишҷӯён **ҳамоҳанг** ва тибқи нақшаи ягона маҷмуӣ таҳия, тасдиқ ва роҳандозӣ карда шуда, чорабиниҳои вобаста ба тарбияи эстетикӣ такмил ва тавсеа бахшида шаванд» [66,50-62];

- дар коллективи донишҷӯён муҳити мусоиди психологии рушди ахлоқӣ-эстетикии онҳо ба вуҷуд оварда шавад;

- ҷорӣ намудани шаклҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ (аз ҷумла, идҳои миллӣ, ҷашнҳо ва расму ойини халқӣ, эҷодиёти бадеии халқ) дар фаъолияти бадеӣ-эстетикӣ бобати ташаккули ҳиссиёти зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкорӣ бо ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ васеъ истифода бурда шаванд [41, 206-209]. Намунаҳои беҳтарини анъанаҳои миллии маҳал тақвият бахшида шавад.

«Ба сифати тарбиятдидагии фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён се нишондиҳанда ва меъёри арзёбӣ интихоб шудааст: ташаккули маърифати фарҳангӣ; ҳиссӣ-арзишнокӣ, яъне азхудкунии ҳиссии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ» 17, 284].

Ҳамзамон, дар раванди озмоишҳои педагогӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти бадеӣ зимни такя ба анъанаҳои бадеии маҳал ва шавқу ҳаваси донишҷӯён ташкилва кор дар онҳо самаранок ба роҳ монда шуд.

**Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия – «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҷиҳати ташаккули маърифати зебоипарастӣ ва ҷалби донишҷӯён бафаъолияти бадеӣ-эҷодӣ»**дар асоси таҳлили муқоисавии ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар зинаи таҳқиқоти ташаккулёбанда масъалаҳои мукаммалгардонии ду ниҳоди муҳимми тарбияи эстетикӣ – коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг баррасӣ шуда, радабандии (типология)-и донишҷӯён ҷиҳати беҳтар намудани тавсеаи

маърифати эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти эҷодӣ дар шароити шаҳрҳои аҳолиашон камшумор таҳия ва мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар озмоиши ташаккулдиҳандаи педагогӣ доир ба таҳқиқи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангии шаҳри Панҷакент ва ноҳияи Зафаробод оид ба тарбияи эстетикии донишҷӯёни коллеҷ 286 нафар донишҷӯён, ки 10% фоизи теъдоди умумии муҳассилинро ташкил медоданд, фаро гирифта шуда буданд. Озмоиш нишон дод, ки танҳо дар шаҳри Панҷакент бо ёрии омӯзгорон, мураббиён, кормандони муассисаҳои фарҳанг, яъне театр, осорхона, хонаи фарҳанг, дастаҳои ҳунарӣ, хонавода дар муддати 2 сол (аз моҳи сентябри соли 2020 то июни соли 2022) дар заминаи ягона омӯзиши динамикаи рушди рағбатҳои маънавӣ-эстетикии 171 нафар донишҷӯ фаро гирифта шудаанд; масъалаҳои ахудкунии арзишҳои эстетикӣ аз ҷониби донишҷӯён, иштироки онҳо дар шаклҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ, инфиродии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар коллеҷ, театр, осорхона, муассисаҳои клубӣ, дар ҷойҳои истиқомат, ҷалби онҳо ба коллективҳои эҷодӣ, дастгирии шуғли онҳо бо ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, иштирок дар озмунҳо омӯхта шуд; ҳамзамон, рафтуойи онҳо ба театр, осорхона, қасри фарҳанг ва қасри ҷавонони шаҳри Панҷакент ва ғ. мавриди мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Инчунин, бо мақсади тавассути таҳқиқот муайян намудани натиҷаҳо ба усули мушоҳида дар доираи 21 нафар донишҷӯёни коллеҷ, ки дараҷаи тавсифи рушди ахлоқӣ-эстетикиашон мухлалиф буданд, ба роҳ монда шуд.

Дар асоси коркарди ҳамаи иттилоот ва маълумоте, ки ба воситаи усули мушоҳида ба даст оварда шудааст, се гурӯҳи муҳассилин ҷудо карда шудаанд, ки аз рӯйи инкишофи дараҷаи шавқу ҳавас ва фаъолии эстетикиашон куллан аз ҳамдигар фарқ доштанд. Чунончи, ба **гурӯҳи аввал,** донишҷӯёне маҳсуб буданд, ки ба фаъолияти эстетикӣ чандон мароқ надоштанд; муносибат ва иштирокашон дар истифодаи арзишҳои эстетикӣ пасивона буд. Ин гурӯҳи донишҷӯён на дар хона, на дар муассисаҳои фарҳанг дар ягон шакли эҷодиёти бадеӣ иштирок намекарданд. Муносибати фаъолона ва зоҳир гаштани шавқу ҳавасашон ба санъат пурра эҳсос карда намешуд. Эҳтиёҷоти ин гурӯҳи донишҷӯён, чун қоида, ба рафтуой ба театр, тамошои кулли барномаҳои ТВ, филмҳо ва хониши эпизодии адабиёт маҳдуд мешуд.

Ба **гурӯҳи дувум**, донишҷӯёне маҳсуб буданд, ки бо асосҳои донишҳои эстетикӣ мусаллаҳ буданд ва рағбаташон тавассути як ва ё якчанд намуди санъат маълум мегашт. Аммо онҳо муносибати эстетикиашонро ба воқеият ҳамаҷониба ва доимӣ зоҳир намекарданд. Талаботи онҳо ба азхудкунии асарҳои санъат, мунтазам муносибат доштанашон бо ин асарҳо пурра аён намешуд. Ин гуна донишҷӯён дар хонаи фарҳанг ва театри шаҳр, дар чорабиниҳои мавсимӣ (эпизодӣ) ташкилшаванда аҳён - аҳён иштирок мекарданду ба шаклҳои доимии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷалб нашуда буданд. Дар хона низ шавқу ҳаваси ин гуна донишҷӯён ба санъат характери мавсимӣ ва ё эпизодӣ дошт. Онҳо таваҷҷуҳи бештари худро ба ТВ ва синамо зоҳир менамуданд ва ҳамасола 1-2 маротиби ба осорхона, 2-3 маротиба дар як сол ба театри ш.Панҷакент рафтуомад доштанд. Вале ҷойгоҳи муҳимро

дар фароғати онҳо хониши бадеӣ ташкил медод. Хониши бадеӣ, махсусан дар давраи таҷлили озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” теъдоди зиёди муҳассилинро фаро гирифт.

Билохир, ба **гурӯҳи сеюм** донишҷӯёне дохил мешуданд, ки дар онҳо шавқу ҳаваси фарох ва доимӣ, рағбати эстетикиашон фаъолона зоҳиршаванда, ҳисси баланди эстетикӣ ва эҳсоси амалии зебоипарастӣ дошта баръало намудор мегашт. Онҳо, дар баробари таҳсил кардан дар коллеҷ, бо ин ё он намудаи эҷодиёти бадеӣ, ҳунарҳои мардумӣ доимӣ шуғл меварзиданд. Дар яке аз дастаҳои худфаъолияти бадеӣ иштирок мекарданд. Бо навохтан ва сароидан машғул мешуданд. Дар муҳокимаи асарҳои адабиёт ва санъат иштироки фаъолона доштанд.

Дар ин гурӯҳ низ машғулияти афзалиятноки эстетикӣ дар шароити фароғат тамошои телевизион буд. Аммо иштирок дар эҷодиёти бадеӣ нисбат ба рафтуой ба театр дар ҷойи дуввум меистод. Хуллас, донишҷӯёне, ки ба ин гурӯҳ шомил буданд, ба ҳисоби миёна 5-6 маротиба дар 1 сол аз намоиши осорхона дидан мекарданд, 3-4 маротиба дар як сол дар намоишномаҳои театрии шаҳр, 3-4 маротиба дар консертҳои хонаи фарҳанг иштирок мекарданд.

Ҳамин тариқ, гурӯҳи якум, (дараҷаи паст) 52 фоизи донишҷӯён, гурӯҳи дуввум (миёна) 37 фоиз ва сеюм (дараҷаи аз ҳама баланд) танҳо 11 фоизро теъдоди умумии иштирокчиёни ба озмоиш ҷалбгардида ташкил медод.

Инак, дар чунин вазъияти баамаломода, ки тибқи озмоиш моро маълум гардид, вазифаи аввалиндараҷа дар зинаи кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ аз он ибрат буд, ки таъсирасонии коллеҷ ба муҳити маънавӣ-эстетикии шаҳр ва авзои фарҳангии донишҷӯён ба низоми муайян даровaрда шуда, таъсири муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангӣ «дар заминаи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилин пурзӯр карда шавад. Он барнома на танҳо фаъолияти таълимӣ, балки корҳои беруназаудитории донишҷӯёнро низ фаро мегирад» [70, 48-49].

Инчунин, вазифаи муҳимми дигаре, ки дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳалли худро ёфт, ин буд, ки тавассути кори тарбиявӣ-эстетикӣ ва бо истифода имкониятҳои воқеии коллеҷ дар ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷуён, муносибати онҳо ба фанҳои сикли эстетикӣ ва санъат васеъ ва ғанӣ гардонда шуда, онҳо ба эҷодиёти бадеӣ ва намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ тариқи шаклҳои доимоамалкунанда ва номуташаккил бештар ҷалб карда шаванд.

Вазифаи муҳимми дигаре, ки дар рафти корҳои озмоишӣ ҳалли худро ёфт, аз он иборат буд, ки тавассути кори тарбиявӣ-эстетикӣ бо истифода аз воситаҳои санъат имкониятҳои воқеии коллеҷ дар ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷуён, муносибати онҳо ба воқеияти эстетикӣ ва санъат васеъ ва ғанӣ гардонда шуда, онҳо ба эҷодиёти бадеӣ ва фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ тариқи шаклҳои доимоамалкунанда ва номуташаккил ҷалб карда шаванд. Яъне, дар ин раванд, иштироки фаъолонаи донишҷӯён ҷиҳати арзёбии асарҳои мутолиашуда, тамошои филм, намоишҳои театрикунонидашуда дар дараҷаи нисбатан баланд қарор дошта, ҳамзамон, иштирокашон дар

маҳфилҳои эҷодиёти бадеӣ афзун гардида, дар озмуну ҷашнвораҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ бештар ширкат варзанд. Ҳамчунин, ҷиҳати ҷалбнамоии донишҷӯён ба шаклҳои гуногуни маърифати эстетикӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо бо назардошти принсипи интегративӣ ва тафриқавӣ – баҳисобгирии аудиторияе, ки онҳо таҳсил менамоянд, ба роҳ монда шуд.

Ба ҷуз ин ҳама, дар доираи барномаи педагогӣ барқарор намудани робитаҳои доимии байни коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ ва таъсиси маҳфилҳои эҷодии донишҷӯён, васеъ намудани гурӯҳи дастаҳои ҳамсаройӣ оид ба истиқболи меҳмонон, иштирок дар қасри фарҳанг, боғи фарҳангию фароғатии шаҳри Панҷакент ба номи Камоли Хуҷандӣ, ҷалби донишҷӯён ба намудҳои гуногуни сайёҳиву экскурсияҳо ба мавзеъҳои таърихӣ (махсусан, ба мамнӯъгоҳи Саразми Бостонӣ) ва хона-музей боис шуд, ки теъдоди иштироки донишҷӯён дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва театрикунонидашуда, инчунин, маҳфилҳои таълимӣ-эҷодӣ 1,2 маротиба афзуд, ки ин ҳамаро метавон дар ҷадвали 1 мушоҳида намуд.

**Нишондиҳандаи сатҳи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ дар гурӯҳҳои озмоишии коллеҷи техникии шаҳри Панҷакент.**

**Ҷадвали 1.**

| Шумораи умумии донишҷӯён - 570-нафар | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар қисми маърифати эстетикӣ | | | Дар қисми эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ | | | Дар қисми ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ | | |
| Донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ-286-н. | | | | | | | | |
| Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
| 74% | 15% | 11% | 72% | 17% | 12% | 25% | 35% | 40% |
| Донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ-284-н. | | | | | | | | |
| Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
| 26% | 30% | 44% | 25% | 32% | 43% | 23% | 37% | 40% |
| | | | | | | | | |

Диаграммаи 1



Диаграммаи 2

Диаграммаи 2




Илова ба ин, агар иштироки донишҷӯёни коллеҷро дар осорхона, китобхонаи мактабӣ ва оммавӣ, театри шаҳрӣ ва чорабиниҳои оммавӣ-бадеӣ ба ҳисоб гирем, теъдоди онҳо то ду маротиба зиёд шуд (ё ин ки онҳо аз теъдоди иштирокдорони умумии донишҷӯён 86 фоизро ташкил дод).

Барои исботи гуфтаҳои боло метавонем, фоизи бадастомадаи дараҷаи баланди ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёнро дар раванди ҳамкории мутақобилаи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дар ҷараёни азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти эстетикӣ ҳамчун намуна нишон дода, ба санҷиши давраи аввал муқоиса намоем.

Чунончи, аз 286 нафар донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дараҷаи баланди маърифати эстетикӣ ба 80%, эмотсионалӣ - баҳодиҳӣ ба 78% ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ ба 77% расид, ки ин нисбат ба давраи аввали озмоиши гузаронидашуда тақрибан 40% зиёд аст.

Дараҷаи ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишии коллеҷҳо дар зер, дар ҷадвали №2 баррасӣ мешавад. Чунончи:

**Ҷадвали 2.**

| Қисми азхудкунии арзишҳои эстетикӣ | Гурӯҳҳои озмоишӣ, миқдори донишҷӯён - 286 н. | Гурӯҳҳои назоратӣ, миқдори донишҷӯён - 284 н. |
| --- | --- | --- |

| Дарачаҳо: | Баланд | Миёна | Паст | Баланд | Миёна | Паст |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маърифати эстетикӣ | 80,5% | 13,3% | 6,2% | 40,2% | 20,5% | 39,3% |
| Эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ | 78,7% | 14,1% | 7,2% | 39,6% | 20,3% | 40,1% |
| Ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ | 77,2% | 14,7% | 8,1% | 39,3% | 20,6% | 40,1% |

**Диаграммаи 3.**

Аз ҷумла, дар диаграммаи 1 нишондиҳандаҳо дар ҳар ду гурӯҳ дақиқ пешниҳод шудаанд.




Ҳамин тариқ, агар иштироки донишҷӯёни коллеҷро дар осорхона, китобхонаи мактабӣ ва оммавӣ, театри шаҳрӣ ва чорабиниҳои оммавӣ-бадеии шаҳр ба ҳисоб гирем, теъдоди онҳо басо зиёд шудааст (ё ин ки онҳо аз теъдоди иштирокдорони умумии донишҷӯён 40 фоизро ташкил додаанд). Натиҷаҳои сифатӣ низ вобаста ба мавқеи ахлоқӣ-эстетикии донишҷӯён ба тариқи куллӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Чунончи, 74 фоизи донишҷӯёне, ки ба фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷалб шуда буданд, монеаҳоро ҷиҳати дарки ҳиссӣ (эмотсионали)-и арзишҳои эстетикӣ бартараф намудаанд. Яъне, онҳо ба робитаҳои мазмунӣ-бадеӣ сарфаҳм мерафтагӣ шудаанду мушоҳидаҳои бадеиашон ҷиддитар гардидааст, ба қонуниятҳои умумии санъат бештар сарфаҳм рафта, амалӣ гардидани онҳоро дар зуҳуроти мушаххас мушоҳида мекардагӣ шудаанд. Дар 32 фоизи донишҷӯён дар давраи хотимавии таҳқиқот қобилияти офаридани намунаҳои нави образҳои бадеӣ зоҳир гардид, ки дар ибтидои озмоиш ин гуна сифатҳо танҳо дар ҳашт фоизи онҳо мушоҳида гардида буд. Дигаргуниҳои мусбат дар дараҷаи умумии ташаккули сифатҳои зебоипарастӣ низ ба амал омадаанд.

Дар ҷамъбасти таҳқиқот бо дарназардошти барномаи педагогии таъсири ҳамкории мутақобилаи коллеҷ бо муассисаҳои фарҳангӣ ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар заминаи «принсипҳои интегративӣ, истифодаи консепсия, барнома ва лоиҳаҳо» [41,135], «такмил ва ғанӣ

гардондани шаклҳои кори тарбияи эстетикӣ» [30, 122-123], дар барномаи ҳамкории педагогии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён [41,135], се гуруҳ ва дараҷаи гурӯҳҳои типологӣ ҷудо карда шуданд, ки онҳо дарки аҳаммияти тарбиявии маърифати эстетикӣ, эҷодиёти бадеӣ ва мустақиман истифодабарии иқтидори тарбиявии вақти холиро бояд ба эътибор мегирифтанд. «Истифодаи муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, ба ақидаи дар системаи системе ташакккули фарҳанги эстетикӣ, ба андешаи Ю.Д.Красилников, «базировалось на фундаментальной основе, концепциях, программах и проектах по учебно - воспитательной деятельности» [41,135]. Чунончи:

**Дар гурӯҳи якуму дуввум** чунин тадбирҳо андешида, амалӣ карда мешаванд: - истифодаи адабиёти бадеӣ, фанни эстетика ва этика, консерту спектаклҳои театри шаҳрӣ, намоишҳоиҳунарҳоимардумӣ бо мақсадитаъсирбахшӣ ба шуур ва эҳсосоти донишҷӯён; батафаккури омӯзгорон таъсир расонидан ва боло бардоштатни сатҳи шиносонидани онҳоборасмуойинусуннатҳои фарҳангӣ ва махсусияти истифодабарии онҳо дар раванди таълим; - омӯзиши таҷрибаи пешқадам дар асоси арзишҳои миллӣ-эстетикӣ ва универсалӣ, коркарди дастурамали методӣ, тавсияҳо ва дигар маводи таълимӣ-методӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ; - дар кори тарбияи эстетикӣ ягонагии ҷиҳатҳои маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ҳамроҳ бо муассисаҳои фарҳангӣ пешбинӣ ва моделҳои мувофиқ интихоб карда шаванд;-вобаста ба ин система шакл ва воситаҳои самараноки тарбияи эстетикии донишҷӯён дар раванди таълим ва корҳои беруназаудиторӣ мавриди истифода қарор дода шаванд, ки натанҳо донишҳои эстетикӣ, балки малакаҳои арзёбӣ намудани асарҳои санъатро бояд ташаккул диҳанд ва ғ.

**Дар гурӯҳи сеюми донишҷӯён**, кидаронҳофаҳмишиаҳаммияти иҷтимоӣ ва арзишҳои эстетикӣ, истифодаи ойину суннатҳои анъанавии маҳаллӣ дар тарбияи фарҳангӣ-эстетикӣ мушоҳида карда шавад ҳам, дар амалия ниҳоят кам истифода мешаванд, ба мақсадмувофиқ аст, ки вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шаванд:

- гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни эстетика ва этика, такмили методикаи таълими он, такя ба анъанаҳои миллли бадеӣ;

- истифодаи намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ дар кори тарбиявӣ-эстетикӣ «зимни фаъолияти якҷояи оила, муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг» [122, 89];

- ба андешаи М.А. Ариарский «истифодаи босифати фарҳанги ватанӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ» [17,132] , бо роҳи омодасозии нақшаву барномаҳои корҳои муштараки тарбиявӣ, сенария ва чорабиниҳо доир ба тарбияи эстетикӣ (муҳокимаи асарҳои адабиёт ва санъат, иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ, намоишҳои телевизионӣ), ҳавасмандгардонии донишҷӯёне, ки ташаббусрооидба ҷалби фаъолияти эстетикӣ, иштирок дар дастаҳои ҳунарҳои мардумӣ, ҷорӣ намудани анъанаҳои беҳтарини фарҳанги бадеӣ ва дар амалисозии корҳои тарбиявӣ дар мақоми воло меистанд;

- ташкили семинарҳо барои омӯзгорон, сухбатҳо, баҳсуму нозира дар атрофи асарҳои бадеӣ оид ба ғанигардонии мундариҷаи донишҳои эстетикӣ ва усули истифодабарии анъанаҳои фарҳангӣ дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, мутобиқ ба синну соли гуногун, категорияи донишҷӯён ва ғ.

- ғанӣ ва бой гардонидани мазмун ва шаклҳои самараноки таъсиррасонии ғоявӣ-ҳиссӣ дар тарбияи эстетикии донишҷӯён вобаста ба иштирокашон дар чорабиниҳои маърифативу эстетикӣ [31,68];

- тавсеаи ҷалбнамоӣ муҳассилин ба эҷодиёти бадеӣ бо дарназардошти анъанаҳои бадеии маҳал ва фолклор, «тавсеаи таъсиси барномаҳои истифодаи жанрҳои мухталифи фолклор дар муассиасаҳои таҳсилотӣ, дастаҳои худфаъолиятӣ ва иттиҳодияҳо» [41, 211];

- дар семинар-машваратҳо баррасӣ намудани масъалаҳои тарбияи эстетикӣ ва бо маводи таълимӣ-методӣ таъмин намудани он;

- «вусъат бахшидан ва ҷалб кардани волидайн ба корҳои ташкилӣ оид ба фаъолияти тарбиииявӣ-эстетикии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг» [11];

Ҳамчунин, мебояд афзуд, ки дар ҳамаи «навъи гурӯҳҳо» [70, 48-49]» ва дараҷаҳои омӯзиш дар рафти корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ «табдили муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба марказҳои ташкиливу методии роҳбарӣ ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, умуман, ҷавонон дар мавзеи шаҳрҳои аҳолиашон камшумор» роҳандозӣ гардида» 70,77], раванди гузаштани омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос шарти татбиқи барномаи педагогӣ маҳсуб меёфт, ки ҳоло дар ин самти кор захираҳои зиёди таъсиррасонии тарбиявӣ-эстетикии муҳассилин дар madди назаранд.

**Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ**

Дар рафти таҳқиқот омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами фаъолияти тарбиявии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шаҳрҳои хурд, мубрамии масоили таҳқиқшуда, шароитҳои педагогии ҳамкории функсионалии муассисаҳои таълимӣ бо муассисаҳои фарҳанг дар заминаи корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ тасдиқи худро ёфт. [1-А, 2-А].

Чунончи:

1. Таҳқиқот нишон доданд, ки шарти муҳимтарини ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар ниҳоди муҳассилини коллеҷҳо баҳисобгирии равандҳои педагогӣ, омилвахусусиятивазъиятинави иҷтимоӣ-фарҳангӣ, хусусиятибавуҷудомадаитарзизиндагиимардуми минтақа, суннатҳои анъанавӣ вакамолоти шахсият ҷиҳати азхукунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти эстетикӣ мебошад [3-М; 8-М];

2.Нақширавандипедагогӣазонибоpатаст, ки шахсиятро ба дарки моҳияти худ дар арзёбии гуногунҷабҳа: фарҳанг, ҷомеа ва оила тибқи муҳити эстетикӣ асоснокнамояд [2-М];

3.Мавқеи дигари зарурӣ аз он иборат аст, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот асосҳои илмии раванди педагогии нигаронидашуда оид ба ташаккули рушди фарҳанги эстетикӣ ва як қатор ҷанбаҳои марбут ба рушди шахсият дар муҳити оилавӣ - маишӣ ва таъсири ин муҳит ба тарафҳои гуногуни ҳаёти муҳассилин муайян ва асоснок карда шудаанд

[3-М];

4. Нишонаҳо ё худ аломатҳои тарроҳиитехнологияипедагогиидар ниҳоди донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ ташаккул додани арзишҳои эстетикӣ, ҳамчун барномаи педагогии ҳамгироии мутақобилаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва фарҳангӣ оид баташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён, пешниҳодгардид [5-М];

5. Натиҷаҳоитаҳқиқот моро ба хулосае овард, ки роҳу усулҳои ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, исбот гардидааст, ки яке аз шартҳои муҳимми ташкилӣ-педагогии мукаммалгардонии он ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг буда, рушдёбии шахсияти муҳассилинро тақвият мебахшад [2-А].

6. Хулосаи муҳими таҳқиқот он аст, ки ташаккулдиҳандаи асосии фарҳанги эстетикӣ ҳамкории сохторҳои маориф ва фарҳанг маҳсуб меёбанд. Зеродар рафти таҳқиқот исбот карда шуд, ки ҳар қадар сатҳи тамаддун ва фарҳанги умумии ҷавонон баланд гардад, ҳамон қадар фарҳанги эстетикӣ ва сатҳи зебоипарастии онҳо дар зиндагӣ баландтар мешавад. Бахусус, ҳар қадар тамаддуни ҷомеа баланд бошад, ҳамон қадар теъдоди зиёди ҷавонон фарҳанги баланди эстетикиро доро мешаванд. Яъне волоии фарҳанг иҷомеа заминаи муносиб барои ташаккули фарҳанги эстетикии шахсият мебошад. Ба ифодаи дигар, мақсади корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар шароити ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ беҳсозии қатъии муҳити эстетикӣ, боиси баланд бардоштани маърифати эстетикии донишҷӯён ва ҷалбнамойии онҳо ба фаъолияти ҳамарӯзаи зебоипарастӣ ва ғанӣ гардонидани мазмуни он хоҳад шуд.

7. Тибқи ҷамъбасти таҳқиқот, оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилини коллеҷҳо дар ҳамкорӣ бо муассиаҳои фарҳангию фароғатӣ, ҳамчунин, самтҳои асосӣ, мундариҷа ва шаклҳои кор оид ба роҳҳои такмили дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ коркард гардидаанд, ки тавасути онҳо боло бардоштани маърифати эстетикӣ ва ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти эҷодкорона оид ба офариниш ва такомули арзишҳои эстетикӣ ошкору асоснок карда шуда, он меъёри ба худ хоси низоми фарҳанги эстетикӣ дар ниҳоди донишҷӯёни коллеҷҳо ба шумор меравад.

8. Таҳқиқот нишон дод, ки дар фаъолияти омӯзгорони коллеҷҳо оид ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ баъзе норасоиҳо дар истифодабарии анъанаҳои миллӣ-фарҳангӣ дар тарбияи ахлоқӣ-эстетикӣ ҷой доранд. Бахусус, дар ин бобат таҳлилҳо нишон доданд, ки анъанаву маросимҳо ваоинҳодар кори тарбиявӣ гоҳ-гоҳ, лаҳзавӣ (эпизодӣ) истифода карда мешаванд. Барои ҳалли ин вазифаҳо, аз тарафи мо дар кор типология (раддабандӣ)ватафриқа оид ба истифодаи анъанаҳои миллии эстетикӣ вобаста ба ҳайати донишҷӯёни коллеҷ ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикии онҳо пешниҳод шуда буд. Зеро баҳисобгирии типологияи мазкур аз ҷониби омӯзгорон ва дар муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ кори тарбиявиро дар байни донишҷӯёни коллеҷ метавонд, тақвият бахшад [8-М].

Аз рӯйи ҷамъбасти таҳқиқот барномаи педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷ дар раванди ҳамгироӣ бо муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ коркард гардидааст, ки он ба ғанӣ гардонидани донишҳои эстетикӣ, ҷалби онҳо ба фаъолияти ҳамарӯзаи зебоипарастӣ ва ҳавасманд гардонидани тарбиятдидагии фарҳанги зебоипарастӣ мусоидат менамояд. Чунончи:

- дар намуду шаклҳои фаъолияти маърифатӣ-эстетикӣ арзишнокӣ, тамоилнокӣ, иртиботӣ, дигаргунсозӣ ва эҷодиёти бадеӣ дар фаъолияти донишҷӯён хос мебошанд;

- дар монандии зиёди корҳо оид ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар раванди таълим, кори беруназаудиторӣ, ҷойи истиқомати донишҷӯён, бахусус, хобгоҳ мақоми махсус дорад.

- зимни такя ба ташаббускорӣ ва худфаъолиятии донишҷӯён ва дигар арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар доираи тарбияи эстетикиашон мавриди амаланд;

- бобати иштироки фаъолонаи онҳо дар эҷоди корҳои техникӣ, ки дар пайвастагӣ бо самти зебоипарастӣ, технологияҳои инноватсионӣ рушд меёбад, муҳим аст.

9. Барномаи педагогии ҳамкории аз ҷониби мо пешниҳодшуда имкон медиҳад, кикорҳо дар фаъолияти педагогии коллеҷҳо оид ба такмили фарҳанги эстетикӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявӣ дар шаклҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ ва шаклгирии онҳо бодарназаргирии фаъолона истифода бурдан дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ба воситаи суннатҳои миллӣ ва ғ. мукаммал карда шаванд [8-М]. Бояд таъкид сохт, ки бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва хулосаи Шӯрои байналмилалии ҳунармандӣ 20 октябри соли 2025 шаҳри Панҷакент унвони “Шаҳри ҷаҳонии ҳунармандӣ” бо ҳунари сӯзаниро соҳиб гардид.

10.Таҳқиқот роҳҳои минбаъдаи коркарди масъалаи мазкур ва дурнамои рушду раванд, бахусус, коллеҷҳои техникӣ ва фарҳанги зебоипарстии донишҷӯёни онҳоро муайян намуд. Яке аз онҳо барномаи мақсадноки фаъолияти мутамарказонидаи иҷтимоӣ – педагогии ниҳодҳои гуногуни тарбиявӣ оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии категорияи мухталифи ҷавонон, донишчуён, талабагон ва дигарон башумор меравад [3-М].

11. Коркард ва зарурати таҳияи барномаи педагогии дарозмуддати илман асоснок низ аз талаботи системаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ бармеояд, ки эстетикикунонии таҳсилотро дар раванди корҳои таълимию тарбиявии коллеҷҳои муҳандисӣ-техникӣ таъмин намуда, дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, марказҳои ҳунарҳои мардумӣ, таълимгоҳҳои соҳаи санъати мусиқӣ ва тасвирӣ, созмонҳои ҷавонону занон, ташкилотҳои варзишии шаҳр фаъолиятро ҳамоҳанг сохта, мушкилоти тарбияи эстетикиро ҳал мекунад ва корро дар ин самт такмил медиҳад. Маҳз ба шарофати чунин муносибатҳои самарабахш, имрӯз Коллеҷи технологӣ ва инноватсионии

шаҳри Панҷакент ҳамчун намунаи муассисаи ҳамоҳангсози таълим ва истеҳсолот шинохта шудааст.

12. Татбиқи чунин барномаи педагогии ҳамкорӣ дар доираи фаъолияти институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, китабиатан дар фаъолияти ҳамарӯзаи хеш маркази ташкили корҳои фарҳангию маърифатӣ оид ба ташаккули маданияти маънавӣ, бахусус тарбияи эстетикии аҳолӣ маҳсуб меёбад ва дар ҳамкории зич бо муассисаҳои таълимӣ, хонавода ва ниҳодҳои тарбиявии дигар қарор доранд, имконпазир аст [4-М].

